Суратмаҷлиси №31

Ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 оид ба ташхиси аввалияи диссертатсияи Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар мавзуи "Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) аз таърихи 12 октябри соли 2023.

Иштирок карданд: аз 11 нафар ҳайати аъзоёни Шурои диссертатсионӣ 8 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафар доктрони илм аз рӯи ихтисоси диссертатсияи дидашаванда (профессор Сатторов А.Э.- онлайн).

Рӯзнома

Оид ба қабул намудани диссертатсияи Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар мавзуи " Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) (роҳбари илмӣ: доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики АТТ, ноиби президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Каримова И.Х.) ба ташхиси аввалия ва таъин намудани комиссияи ташхис.

Шунида шуд: ахбори раиси Шурои диссертатсионӣ, д.и.п., профессор Азизов А.А. дар бораи ворид гардидани ариза ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон ба Шурои диссертатсионӣ.

Баромад кард: котиби илмии Шурои диссертатсионӣ Абдуллоева М.А. ба самъи ҳамагон расонид, ки ҳуҷҷатҳои ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон (автореферат бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ, диссертатсия) ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ аст. Ба Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон тавсия намуда мешавад, ки ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва диссертатсияи худро дар сомонаи www.hgu.tj ҷойгир намояд.

Аз ҳамин лиҳоз аст, барои қабул намудани диссертатсияи Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон барои ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

Қарор карда шуд:

1. Диссертатсияи Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар мавзуи “Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) (роҳбари илмӣ: доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики АТТ, ноиби президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Каримова И.Х.) ба ташхиси аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхис дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

1. Сабурӣ Хайрулло Мирзозода - доктори илмҳои педагогӣ, профессор

2. Хоҷаева Мубина Ҷалоловна - доктори илмҳои педагогӣ, профессор

3. Олов Саидмаҳмад - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

Қарор кабул карда шуд: тарафдор 8 нафар, зид ва бетараф нест.

Раиси Шурои диссертатсионии
6D КОА 046-и назди МДТ
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”
профессор Азизов Абдулатиф Абдуҳалимович

Котиби илмии Шурои
диссертатсионии 6D КОА 046-и
назди МДТ «Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”
доктори илмҳои педагогӣ,
дотсент Абдуллоева Меҳриниссо Абдугаппоровна

Имзоҳои А.А. Азизов ва М.А. Абдуллоеваро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” Наврузов Э. М.